**5. ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ГУМАНИТАРӢ**
**5. СОЦИАЛЬНЫЕ И ГУМАНИТАРНЫЕ НАУКИ**
**5. SOCIAL AND GUMANITARY SCIENCES**

**5.2. ИҚТИСОДИЁТ**
**5.2. ЭКОНОМИКА**
**5.2. ECONOMICA**

5.2.1. Назарияи иқтисодӣ
5.2.1. Экономическая теория
5.2.1. Economical theory

УДК: 330.35.01
ББК: 65.012
А-50

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАРАҚҚИЁТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ТАТБИҚИ ҲАДАФҲОИ ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ

***Алиджанов Джамшед Абдукаюмович*** *– доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров, e-mail: alijonov_jamshed@mail.ru*
***Алиджанова Сурайё Абдушукуровни*** *– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, e-mail: sura14@mail.ru*

# ОСОБЕННОСТИ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНОВ ТАДЖИКИСТАНА В УСЛОВИЯХ РЕАЛИЗАЦИИ ЦЕЛЕЙ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ

***Алиджанов Джамшед Абдукаюмович*** *– доктор экономических наук, профессор, заведующий кафедрой экономической теории ХГУ имени акад. Б. Гафурова, e-mail: alijonov_jamshed@mail.ru*
***Алиджанова Сурайё Абдушукуровн*** *– кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, e-mail: sura14@mail.ru*

# FEATURES OF THE SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REGIONS OF TAJIKISTAN IN THE CONTEXT OF THE IMPLEMENTATION OF GREEN ECONOMY GOALS

***Alidzhanov Dzhamshed Abdukayumovich-*** *Doctor of Economics Professor, Head of the Department of Economic Theory KSU named after acad. B. Gafurova, e-mail: alijonov_jamshed@mail.ru*
***Alijanova Surayyo Abdushukurovn*** **-** *Candidate of Economics, Associate Professor of the Department of Economic Theory, Tajik State University of Law, Business and Politics, e-mail: sura14@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *иқтисодиёти минтақавӣ, иқтисодиёти сабз, маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, некуаҳволии аҳолӣ, рушди иқтисодӣ, фарқгузории минтақаҳо.*

*Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои Тоҷикистон барои таъмин намудани ҳадафҳои иқтисодиёти сабз баҳри сатҳи шуғли ҳадди аксари аҳолӣ, баланд намудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, тақсимоти боадолатонаи даромадҳо байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ, ва дар ниҳоят барои таъмини мӯътадилии макроиқтисодӣ муқаррар карда шудаанд. Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шуд, ки барои татбиқи унсурҳои иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои мамлакат шароитҳои якхела вуҷуд надоранд. Бинобар ҳамин ҳангоми татбиқи унсурҳои иқтисодиёти сабз ба тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо аҳамияти бештар зоҳир намудан зарур аст. Зеро бе дарназардошти хусусиятҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо ба таври самаранок татбиқ намудани ҳадафҳои иқтисодиёти сабз имконнопазир мегардад. Муносибати фарққунанда ба татбиқи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон коркарди маҷмӯи чораҳоро дар назар дорад, ки ба хусусиятҳои тараққиёти минтақаҳо ҷавобгӯ бошад. Дар ин васила таҳқиқи имконият ва заминаҳои инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои мамлакат мувофиқи мақсад мебошад.*

***Ключевые слова:*** *региональная экономика, зеленая экономика, валовый региональный продукт, благосостояние населения, экономический рост, диференциация регионов.*

*В данной статье через призму определения особенностей социально-экономического развития регионов Таджикистана в обеспечении реализации целей зеленой экономики, выявлены условия для максимизации занятости населения, повышения его благосостояния, справедливого распределения доходов между различными слоями населения и в итоге, для обеспечения макроэкономической стабильности. В результате исследования определено, что для реализации элементов зеленой экономики в регионах страны не существуют одникаовые условия. Поэтому, при реализации элементов зеленой экономики необходимо уделить пристальное внимание социально-экономическому развитию регионов. Так как без учета особенностей социально-экономического развития регионов эффективная реализация целей зеленой экономики представляется невозможным. Дифференцированный подход к реализации зеленой экономики в регионах Республики Таджикистан предусматривает разработку комплекса мероприятий, которые должны учитывать особенности развития регионов. В этом аспекте исследования возможностей и предпосылок развития эеленой экономики в регионах страны считаются целесообразными.*

***Key words:*** *regional economy, green economy, gross regional product, welfare of the population, economic growth, differentiation of regions.*

*In this article, through the prism of determining the characteristics of the socio-economic development of the regions of Tajikistan in ensuring the implementation of the goals of the green economy, the conditions for maximizing employment of the population, increasing their well-being, fair distribution of income between different segments of the population and ultimately ensuring macroeconomic stability are identified. As a result of the study, it was determined that the same conditions do not exist for the implementation of elements of a green economy in the regions of the country. Therefore, when implementing elements of a green economy, it is necessary to pay close attention to the socio-economic development of regions. Since without taking into account the peculiarities of the socio-economic development of the regions, the effective implementation of the goals of the green economy seems impossible. A differentiated approach to the implementation of a green economy in the regions of the Republic of Tajikistan involves the development of a set of measures that should take into account the peculiarities of regional development. In this aspect, research into the possibilities and prerequisites for the development of a green economy in the regions of the country is considered appropriate.*

Номуайянии тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва дигаргуниҳо дар миқёси дунё ба миён омадаистода, зарурати таъмини рушди устувори иқтисодиро дар кишварҳои мухталиф ва минтақаҳои он боз ҳам муҳимтар мегардонад. Дар ин росто, натанҳо масъалаи таъмини суръати рушди иқтисодии солҳои пешин, балки таъмин намудани сатҳи баландтари ҳаётгузаронии аҳолӣ зарурат ва саривақтии худро ифода менамояд. Яъне дар давраи муосир таҳлил ва баҳодиҳии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити пойдор намудани заминаҳои инкишофи иқтисодиёти сабз зарур ва муҳим арзёбӣ карда мешавад. Зеро тараққиёти иҷтимоӣ-иқтсодии минтақаҳо бевосита бо таъминоти табиӣ-захиравӣ ва вазъияти

экологии онҳо алоқаманд буда, тараққиёти ҳар як минтақа дар макони иқтисодии кишвар дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад, ки пеш аз ҳама дар хислатҳои таърихан пойдоргардидаи минтақаҳо ва шакли танзимкунии давлатӣ ифода меёбад ва самаранокии фаъолияти иқтисодиёти минтақавиро муқаррар менамояд.

Тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои Тоҷикистон барои таъмин намудани сатҳи шуғли ҳадди аксари аҳолӣ, баланд намудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, тақсимоти боадолатонаи даромадҳо байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ, ва дар ниҳоят барои таъмини мӯътадилии макроиқтисодӣ равона карда мешавад.

Ҷадвали 1.

Тамоюли тағйирёбии маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он (бо нархҳои муқоисавии соли 2021)

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | | | | | Соли 2021 нисбат ба соли 2000 (маротиба) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| МММ дар ҷумҳурӣ | 21521,9 | 33136,4 | 43170,7 | 60909,0 | 62984,7 | 70611,2 | 73898,4 | 79144,5 | 82431,5 | 91932,0 | 4,3 |
| МММ дар ВМКБ | 391,1 | 770,8 | 805,2 | 998,0 | 1061,3 | 1206,0 | 1247,0 | 1225,2 | 1188,4 | 1278,8 | 3,3 |
| МММ дар вилояти Суғд | 5894,8 | 8500,7 | 11061,6 | 16759,4 | 18489,7 | 22078,8 | 22089,2 | 23662,4 | 24127,7 | 27465,4 | 4,7 |
| МММ дар вилояти Хатлон | 4806,2 | 8698,2 | 12565,2 | 17898,8 | 18446,1 | 20178,6 | 20600,5 | 22656,4 | 24639,5 | 26967,8 | 5,6 |
| МММ дар шахри Душанбе | 4853,4 | 7128,1 | 10065,6 | 14684,1 | 13741,3 | 14892,2 | 16627,3 | 17443,0 | 17375,0 | 18905,8 | 3,9 |
| МММ дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 5576,3 | 8038,6 | 8673,1 | 10568,7 | 11246,3 | 12255,6 | 13334,5 | 14157,5 | 15100,9 | 17314,1 | 3,1 |

*Ҳисоб карда шуд: Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 335. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 212.*

Дар таҳқиқи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо нишондиҳандаи асосӣ ин маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) баромад мекунад, ки ҳамчун нишондиҳандаи зарурии фаъолияти хоҷагидории минтақаҳои алоҳида баромад мекунад. Ба ақидаи Мироедов А.А. ва Шарамигина О.А. моҳияти МММ дар он ифода меёбад, ки ин нишондиҳанда ба монанди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ бо ифодаёбии пулӣ ҳисоб карда шуда, натиҷаи фаъолияти корхонаҳо ва ташкилотҳои дар миқёси минтақа ҷойгирбударо фарогир мебошад.”[3. С. 33-41] Бо баробари монанди доштани МММ бо нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, он нишондоди макроиқтисодӣ ба ҳисоб намеравад, зеро танҳо дар сатҳи минтақаи муайяни мамлакат ҳисоб карда мешавад. Новобаста ба ин МММ барои баҳодиҳӣ ва муқаррар намудани тамоюли тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо ҳаматарафа истифода бурда мешавад. Тамоюли тағйирёбии МММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар ҷадвали 1 оварда мешавад.

Маълумоти ҷадвали 1 дар асоси ҳисобкунии МММ бо нархҳои муқоисавии соли 2021 бо дарназардошти истифодабарии усули маъмули инфлиронӣ ҳисоб карда шудааст. Мантиқи чунин ҳисоб дар он зоҳир мегардад, ки мутобиқи он бо истифода аз дефлятори ММД, ки дар нашриҳои расмии оморӣ чоп карда мешаванд, нишондиҳандаи МММ, ки бо вазни қиёсӣ нисбат ба ММД солҳои мувофиқ муайян

карда шудаанд муайян карда шудаанд. Ҳисоби МММ бо нархҳои муқоисавӣ барои баҳогузорӣ ва таҳлили амиқи тамоюли тағйирёбии ин нишондиҳанда хизмат мекунад. Таҳлили статикаи муқоисавии маълумоти ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки дар соли 2021 нисбат ба соли 2000 ҳаҷми МММ дар ҷумҳурӣ ба 4,3 маротиба афзоиш ёфта, вобаста ба минтақаҳо бошад чунин тағйирёбӣ гуногун ба назар мерасад. Афзоиши МММ дар ВМКБ дар соли 2021 нисбат ба соли 2000 ба 3,3 маротибаро ташкил карда, аз нишондоди миёнаи ҷумҳуриявӣ камтар мебошад. Дар вилояти Суғд афзоиши нишондиҳандаи МММ 4,7 маротибаро ташкил карда, аз нишондоди миёнаи ҷумҳуриявӣ зиёдтар мебошад. Дар вилояти Хатлон афзоиши аз ҳама ҳам зиёди МММ дар соли 2021 нисбат ба соли 2000 ба назар мерасад, ки он 5,6 маротиба ташкил кардааст. Дар шаҳри Душанбе афзоиши нишондиҳандаи МММ дар давраи таҳлили статикаи муқоисавӣ ба 3,9 маротиба баробар шуда, аз нишондоди миёнаи ҷумҳуриявӣ камтар мебошад. Чунин вазъият дар афзоиши МММ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриявӣ низ ба назар расида, дар соли 2021 нисбат ба соли 2000 дар маҷмӯъ 3,1 маротиба ташкил кардааст, ки аз нишондоди миёнаи ҷумҳуриявӣ камтар мебошад.

Чунин вазъият ба тағйирёбии ҳиссаи минтақаҳо дар истеҳсоли МММ дар миқёси ҷумҳурӣ сабаб гардид, ки дар натиҷа ҳиссаи ҳама минтақаҳои кишвар дар МММ дар соли 2021 нисбат ба соли 2000 дигаргуниро аз сар гузаронидааст (расми 1 ва 2). Аз таҳлили диаграммаи даврагии дар расмҳои 1 ва 2 оварда шуда мушоҳида кардан мумкин аст, ки агар дар соли 2000 ҳиссаи ВМКБ дар МММ ҷумҳурӣ 1,8% ташкил карда бошад, ин нишондод дар соли 2021 то 1,4% коҳиш ёфтааст. Чунин тамоюл дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ ба назар расида, ҳиссаи ин минтақа дар соли 2000 ба 25,9% баробар бошад, дар соли 2021 бошад ҳиссаи ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ дар ҳаҷми МММ кишвар то 18,8% коҳиш ёфтааст. Айнан чунин вазъият дар шаҳри Душанбе ба назар мерасад, ки дар соли 2000 ҳиссаи он агар ба 22,6% МММ кишвар баробар шуда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2021 то 20,6% коҳишёбиро нишон медиҳад.




Расми 1. Ҳиссаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар МММ соли 2000. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 212.




Расми 2. Ҳиссаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар МММ соли 2021. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 212.

Дар ҳамин давра ҳиссаи вилояти Суғд дар МММ ҷумҳурӣ аз 27,4% дар соли 2000 то 29,9% дар соли 2021 зиёд гардидааст. Ҳиссаи вилояти Хатлон дар МММ ҷумҳурӣ дар соли 2000 ба 22,3%-ро ташкил карда бошад, дар соли 2021 бошад ба 29,3% баробар шудааст.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар давраи солҳои 2000-2021 дар истеҳсоли МММ дар минтақаҳои мамлакат тағйиротҳои сохторӣ ба назар мерасанд. Баҳодиҳии маълумоти таҳлилшаванда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар пешрафти муосири иқтисодиёти кишвар саҳми нисбатан калонро вилояти Суғд ва вилояти Хатлон доранд.

Аз нуктаи назари истифодабарии методологӣ МММ имкон медиҳад, ки якум, баҳодиҳии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии субъектони иқтисодиёти миллиро амалӣ гардонида, афзалиятҳои онҳо муайян карда шаванд; дуюм, маълумоти минтақаҳо бо нишондодҳои миёнаи мамлакат муқоиса карда шаванд; сеюм, ин усули аз тарафи СММ қабулшудаи тартибгузории кишварҳо оид ба ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ мебошад [5. С.384]. Бо ибораи дигар, агар таҳлили тамоюли тағйирёбии ҳаҷми МММ дар мамлакат ва минтақаҳои он, инчунин муайян намудани ҳиссаи ҳар як минтақа дар истеҳсоли МММ бештар ҳамчун нишондиҳандаи миқдорӣ баромад намояд, ҳисоб намудани МММ ба ҳар сари аҳолии мамлакат ва минтақаҳо, имкон медиҳад, ки сифати тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо муқоиса ва баҳогузорӣ карда шавад. Мутобиқи ин гуфтаҳо дар ҷадвали 2 мо МММ ба ҳар сари аҳолии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар алоҳидагӣ бо нархҳои муқоисавии соли 2021 ҳисоб намудем. Чунин муносибат ба имкон медиҳад, ки тамоюли аслии ин нишондиҳанда бе дарназардошти таваррум ва таъсиррасонии тағйирёбии сатҳи нархҳо баҳогузорӣ карда шавад. Ин чунин дар ин ҷадвал нишондиҳандаи МММ ба ҳар сари аҳолии минтақаи мувофиқ нисбат ба нишондиҳандаи ҷумҳуриявӣ мавриди муқоиса қарор дода шудааст.

Аз рӯи маълумоти ҷадвал мушоҳида кардан мумкин аст, ки нишондиҳандаи МММ ба ҳар сари аҳолии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он аз соли 2000 то соли 2021 тамоюли афзоишёбиро нишон медиҳад. Ҷоиз ба қайд аст, ки нишондиҳандаи МММ ба ҳар сари аҳолии минтақаҳои алоҳида, дар шаҳри Душанбе нисбат ба дигар минтақаҳо дар сатҳи

баланд қарор дорад. Новобаста ба ин агар дар соли 2000 МММ шаҳри Душанбе ба ҳар сари аҳолии ин минтақа нисбат нишондоди ҷумҳуриявӣ 2,4 маротиба зиёд бошад, дар соли 2021 ин нишондиҳанда то 1,7 маротиба коҳиш ёфтааст. Чунин вазъият дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ ба назар мерасад. Агар дар соли 2000 МММ ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба ҳар сари аҳолии минтақа нисбат ба нишондоди ҷумҳурӣ 1,2 маротиба зиёд бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 0,9 маротиба баробар шудааст, ки дар ин давра МММ ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба ҳар сари аҳолии минтақа аз нишондоди ҷумҳуриявӣ паст шудааст. Нисбат ба ин ду минтақаи мамлакат, дар вилояти Суғд, вилояти Хатлон ва ВМКБ нишондиҳандаҳои МММ ба ҳар сари аҳолии минтақа каме бошад, ҳам нисбат ба нишондоди ҷумҳуриявӣ зиёд шудааст. Мисол дар вилояти Суғд, МММ ба ҳар сари аҳолии минтақа нисбат ба нишондоди ҷумҳуриявӣ дар соли 2021 ба 1,05 маротиба баробар гардидааст (дар соли 2000 ин нишондиҳанда ба 0,9 маротиба баробар буд). Дар вилояти Хатлон дар соли 2000 МММ ба ҳар сари аҳолии минтақа нисбат ба нишондоди ҷумҳуриявӣ 0,64 нишон медод, дар соли 2021 бошад ин нишондиҳанда ба 0,82 баробар шудааст. Дар ВМКБ МММ ба ҳар сари аҳолии минтақа нисбат нишондоди ҷумҳуриявӣ дар соли 2000 ба 0,55 баробар буда, дар соли 2021 ин нишондиҳанда ба 0,6 маротибаро ташкил кардааст, ки оиди тамоюли мусбат аз рӯи ин нишондиҳанда дар минтақаҳои номбурда шаҳодат медиҳад.

Ҷадвали 2.

Тағйирёбии МММ ба ҳар сари аҳолии ҷумуҳрӣ ва минтақаҳои он (бо нархҳои муқоисавии соли 2021, сомонӣ)

| Солҳо | ҶТ | шаҳри Душанбе | | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | | Вилояти Суғд | | Вилояти Хатлон | | ВМКБ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | МММ ба ҳар сари аҳолии кишвар | МММ ба ҳар сари аҳолии минтақа | Нисбат ба нишондиҳандаи сатҳи ҷумҳурӣ (маротиба) | МММ ба ҳар сари аҳолии минтақа | Нисбат ба нишондиҳандаи сатҳи ҷумҳурӣ (маротиба) | МММ ба ҳар сари аҳолии минтақа | Нисбат ба нишондиҳандаи сатҳи ҷумҳурӣ (маротиба) | МММ ба ҳар сари аҳолии минтақа | Нисбат ба нишондиҳандаи сатҳи ҷумҳурӣ (маротиба) | МММ ба ҳар сари аҳолии минтақа | Нисбат ба нишондиҳандаи сатҳи ҷумҳурӣ (маротиба) |
| **2000** | 3435,5 | 8376,6 | 2,4 | 4047,9 | 1,2 | 3099,6 | 0,9 | 2186,2 | 0,64 | 1885,9 | 0,55 |
| **2005** | 4842,9 | 11063,4 | 2,3 | 5252,6 | 1,1 | 4150,9 | 0,86 | 3604,4 | 0,74 | 3734,6 | 0,77 |
| **2010** | 5664,6 | 13767,7 | 2,4 | 4992 | 0,9 | 4921,5 | 0,87 | 4656,2 | 0,82 | 3899,3 | 0,69 |
| **2015** | 7122,9 | 18293,4 | 2,6 | 5358,5 | 0,8 | 6674,4 | 0,94 | 5872,7 | 0,82 | 4590,7 | 0,64 |
| **2017** | 7906,1 | 17912,2 | 2,3 | 5922,9 | 0,7 | 8464,2 | 1,07 | 6308,8 | 0,8 | 5393,7 | 0,68 |
| **2018** | 8097,0 | 19644,7 | 2,4 | 6289,8 | 0,8 | 8309,2 | 1,03 | 6290,6 | 0,78 | 5496 | 0,68 |
| **2019** | 8497,6 | 20202,7 | 2,4 | 6536,5 | 0,8 | 8740,2 | 1,03 | 6766,5 | 0,8 | 5352,7 | 0,63 |
| **2020** | 8483,4 | 14657,5 | 1,7 | 7329,5 | 0,9 | 8669,7 | 1,02 | 7121,8 | 0,84 | 5203,3 | 0,61 |
| **2021** | 9298,5 | 15731,2 | 1,7 | 8240,9 | 0,9 | 9726,1 | 1,05 | 7639,6 | 0,82 | 5557,6 | 0,6 |

Ҳисоби муаллиф, аз рӯи: Маълумоти ҷадвали 1 ва Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 17-20.

Инчунин аз рӯи таҳлили статикаи муқоисавии маълумоти ҷадвали 2 мушоҳида кардан мумкин аст, ки нишондиҳандаи МММ ба ҳар сари аҳолӣ дар миқёси ҷумҳурӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 2000 дар ҳаҷми 2,7 маротиба афзоиш ёфта, дар шаҳри Душанбе чунин афзоиш 1,88 маротиба, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 2,04 маротиба, дар вилояти Суғд – 3,14 маротиба, вилояти Хатлон – 3,5 маротиба ва ВМКБ – 2,9

маротибаро ташкил кардааст (ҳисоби муаллиф аз рӯи ҷадвали 2). Боиси таъкид аст, ки ба чунин тамоюли нишондиҳандаи ММ ба ҳар сари аҳолӣ ҳиссаи аҳолии кишвар дар минтақаҳо таъсири муассир мерасонад. Мисол дар солҳои 2020-2021 аҳолии шаҳри Душанбе 9,3% аҳолии мамлакатро фаро гирифта, ин нишондиҳанда дар вилояти Суғд 28-29%, вилояти Хатлон – 36%, ВМКБ – 2,4% ва ноҳияҳои тобеи ҷумуҳурӣ – 23,4% ташкил медиҳад.

Чунин тамоюли тағйирёбии нишондиҳандаи ММ ба ҳар сари аҳолӣ дар минтақаҳои мамлакат ба тағйирёбии ҳиссаи минтақаҳо дар истеҳсоли ММ мамлакат мутобиқат мекунад.

Таҳлилҳои эмпирикӣ собит менамоянд, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тараққиёти нобаробари минтақаҳо ба назар мерасад, ки ҳамчун оқибати пойдор намудани муносибатҳои бозорӣ дар мамлакат, татбиқи сусти сиёсати иқтисодии давлатӣ дар минтақаҳо шаҳодат медиҳад. Бинобар ҳамин яке аз ҳадафҳои татбиқи принсипҳои инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин бартараф намудани нобаробарии байниминтақавӣ ба ҳисоб меравад, зеро "тараққиёти нобаробари минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба фикри академик Р.К. Раҳимов, яке аз таҳдидҳои бехатарии иқтисодии мамлакат ба ҳисоб меравад" [7. С. 14]. Бинобар ҳамин барои мутобиқ намудани сатҳи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати коркарди консепсияи ягонаи таъмини рушди устувор дар доираи пешбурди ҳадафҳои иқтисоди сабз ба масъалаҳои аввалиндарҷа мубаддал гардидааст. Дар ин ҷода эълон гардидади саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун стратегияи чоруми миллӣ нақши муассир дошта, дар ҳошияи он муқаррар намудани "Солҳои 2022-2026 солҳои рушди соҳаҳои саноат" дар мамлакат тавонист ба як қатор тағйиротҳои сохториву низомӣ дар минтақаҳо оварда расонад.




Расми 3. - Ҳиссаи минтақаҳо дар ҳаҷми маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ дар соли 1991. Сарчашмаи ҳисоб: Минтақаҳои Чумҳурии Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2021. С. 123-124.

Дар натиҷаи татбиқи ҳадафҳои саноатикунонии борсуъат ва инкишофёбии истеҳсолоти саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳо дигаргуниҳои низомиву сохториро аз сар гузарониданд (расми 3. ва 4.).




Расми 4 - Ҳиссаи минтақаҳо дар ҳаҷми маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ дар соли 2021. Сарчашмаи ҳисоб: Минтақаҳои Чумҳурии Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2021. С. 123-124. Маҷмӯаи омори вилояти Суғд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2022. С. 268-269.

Аз рӯи маълумоти диаграммаҳои даврагии расмҳои 3 ва 4 тағйиротҳоро дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти саноатии мамлакат вобаста ба минтақаҳо мушоҳида намудан мумкин аст. Агар соли 1991 ҳиссаи шаҳри Душанбе дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти саноатии кишвар 24,7% ташкил карда бошад, дар соли 2021 ин нишондиҳанда то 9,1% баробар шуда, коҳишёбии ҳиссаи ин минтақаро дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нишон медиҳад. Чунин вазъият дар вилояти Хатлон ва ВМКБ низ ба назар мерасад. Аз рӯи маълумоти диаграммаҳои даврагии расмҳои 3 ва 4 дидан мумкин аст, ки вазни қиёсии вилояти Хатлон дар истеҳсоли маҳсулоти саноатии мамлакат соли 1991 ба 53,5% баробар буда, дар соли 2021 ин нишондиҳанда ба 29,1% баробар шуда, тмоюли коҳишёбии ҳиссаи ин минтақаро дар истеҳсоли маҳсулотии саноатии ҷумҳурӣ нишон медиҳад. Вазни қиёсии ВМКБ дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти саноатии мамлакат дар соли 1991 1,1% ташкил карда бошад, ин нишондод дар соли 2021 ба 0,7% баробар шудааст, ки коҳишёбии ҳиссаи ин минтақаро дар истеҳсоли маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ нишон медиҳад. Аз рӯи таҳлили расмҳои 3 ва 4 дидан мумкин аст, ки танҳо дар вилояти Суғд ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ афзоишёбии ҳиссаи минтақаҳо дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти саноатии мамлакат ба назар мерасад. Агар дар соли 1991 вазни қиёсии вилояти Суғд дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти саноатии мамлакат 40,1% ташкил дода бошад, дар соли 2021 ин нишондиҳанда ба 50,4% баробар шудааст. Вазни қиёсии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад, аз 5,8% дар соли 1991 то 10,6% дар соли 2021 зиёд гардидааст.

Аз таҳлили статикаи муқоисавии ин маълумоти оморӣ маълум мегардад, ки вилояти Суғд бо ҳиссаи 50,4% маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар ҳамчун минтақаи аз ҷиҳати саноатӣ пешрафта ба ҳисоб меравад, зеро дар манотиқи ин вилоят аз нисф зиёди маҷмӯи маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ истеҳсол карда мешавад. Бинобар ҳамин, минтақаи вилояти Суғд дар иқтисодиёти миллӣ ҳамчун минтақаи саноатии пешрафта арзёбӣ шуданаш мумкин аст.

Афзоиши ҳиссаи вилояти Суғд дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои охир асосан аз ҳисоби васеъ намудани истеҳсоли масолеҳи сохтмон ба миён омадааст. Пеш

аз ҳама дар ин ҷода истеҳсоли семент, қуми сохтмонӣ, шағал ва ғайраҳо мебошад. Зиёдшавии истеҳсоли масолеҳи сохтмон дар минтақа асосан бо авҷгирии сохтмони биноҳои бисёрошёна ба миён омад. Боиси қайд аст, ки дар давраи таҳлилӣ дар саноати вилояти Суғд афзоиши истеҳсоли ангишт ва нӯшокиҳои ғайриспиртӣ низ ба назар мерасад.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамдигар бо инкишофи гуногуни соҳаҳои хоҷагии халқ фарқ карда мешаванд. Чунин вазъият имконият медиҳад қайд намоем, ки дар татбиқи унсурҳои иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои мамлакат шароитҳои якхела вуҷуд надоранд. Бинобар ҳамин ҳангоми татбиқи унсурҳои иқтисодиёти сабз ба тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо аҳамияти бештар зоҳир намудан зарур аст. Зеро бе дарназардошти хусусиятҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо ба таври самаранок татбиқ намудани ҳадафҳои иқтисодиёти сабз имконнопазир мегардад. Муносибати фарқкунанда ба татбиқи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон коркарди маҷмӯи чораҳоро дар назар дорад, ки ба хусусиятҳои тараққиёти минтақаҳо ҷавобгӯ бошад. Дар ин васила таҳқиқи имконият ва заминаҳои инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои мамлакат мувофиқи мақсад мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Маҷмӯаи омори вилояти Суғд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2022. С. 268-269.
2. Минтақаҳои Чумҳурии Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2021. С. 123-124.
3. Мироедов А.А., Шарамыгина О.А. Использование показателя валового регионального продукта в оценке экономического развития региона // Вопросы статистики. 2003. № 9. – С. 33-41.
4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 212.
5. Рахимов Р.К. Некоторые вопросы экономической безопасности Таджикистана // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе, 2008. - № 4. – С. 14.
6. Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯи оморӣ. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 335.
7. Урунов А.А. Единое экономическое пространство.-М.,ИД «Синергия», 2012. – 384 с.


## REFERENCES


1. Majuai omori viloyati Sugd. Sarrayosati Agentii omori nazdi Presidenti guumhuriya Toqikiston dar viloyati Sugd, 2022. pp. 268-269.
2. Mintakakhoi Chumhuri Tokikiston: 30 salts Istikloliyati davlati. Agentii Omori Nazdi President of Umhuria Tojikiston. Dushanbe, 2021. pp. 123-124.
3. Miroyedov A.A., Sharamygina O.A. Using the gross regional product indicator in assessing the economic development of the region // Questions of Statistics. 2003. No. 9. – pp. 33-41.
4. Omori solonai umchuria Tojikiston. Dushanbe: Agency Omori Nazdi President of Chumuhuria Tojikiston, 2022. – 212 p.
5. Rakhimov R.K. Some issues of economic security of Tajikistan // Economy of Tajikistan: development strategy. – Dushanbe, 2008. - No. 4. – 14 p.
6. Tojikiston: 30 solts Istiqloliyati davlati // Маҷmui omori. Dushanbe: Agency Omori Nazdi President of Chumuhuria Tojikiston, 2021. – 335 p.
7. Urunov A.A. Single economic space.- M., Publishing House "Synergy", 2012. - 384 p.